**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-125 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD):**

Парвандаи аттестатсионии № _____

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 04.09.2026, протоколи №1 барои сазовор донистани Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо)**

Диссертатсияи Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич дар мавзуи «Алоқамандии байни электрогузаронӣ ва гармигузаронии маҳлулҳои обии гидразин» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-125-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.04.2026, таҳти №122/шд) 06- уми июни соли 2026 суратмаҷлиси №1-1 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич 12-уми сентябри соли 1991 дар деҳаи Гулзори ноҳияи Ховалинг таваллуд шудааст. Соли 2013 зинаи бакалавр ва соли 2015 зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси физика хатм кардааст.

Довталаби дарёти дараҷаи илмӣ Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич аз соли 2015 доктори фалсафа (PhD) кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дохил шуда, соли 2019 зинаи мазкурро хатм карда аст. Айни ҳол дар вазифаи омӯзгорӣ кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Сафаров Муҳмадали Маҳмадиевич** - доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи техника ва энергетикаи гармои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ.

**Муқарризони расмӣ: Бердиев Асадқул Эгамович** - доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ва **Рашидзода Акрам Раҷаб** - номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи автоматонии ҳаракатоварaҳои барқии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён.

**Тақризи муассисаи пешбар** - МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» ба диссертатсияи Ҳусайнов З.Қ. бо имзои раиси ҷаласа мудири кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара н.и.п. Набиев Ҷ.Ғ., эксперт, н.и.х., Баротов Н.И. ва котиби илмии ҷаласа муаллими калони кафедари физика ва география ДДД Одиназода С.Ш. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.и., профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ аз 18- юми августи соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Ҳусайнов З.Қ. дар мавзуи «Алоқамандии байни

электрогузаронӣ ва гармигузаронии маҳлулҳои обии гидразин» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо) сазовор мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо мутахассисони маъруфи соҳаи таҳқиқотӣ ба ҳисоб рафта, соҳиби корҳои илмии банашррасонидшудаи ба мавзуи диссертатсия наздик мебошад.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда мешавад, ки дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» олимони маъруфу мутахасисони босалоҳият ба фаъолияти педагогӣ фаро гирифташуда, дастовардҳои бузурги илмӣ аз ҷумла ба мавзуи диссертатсия наздикро доранд ва метавонанд арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро обеъктивона арзёби менамоянд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 30 интишороти илмӣ нашр намудааст, ки аз инҳо 8 дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

1. Хусайнов, З.К. Диэлектрическая проницаемость водных растворов гидразина при различных температурах и атмосферных давлениях/ З.К.Хусайнов, М.М.Сафаров, Х.Х.Ойматова // Вестника Таджикского национального университета, (Серия естественных наук). - Душанбе, 2019. - №2. - С.92-98. ISSN 2413-452X

2. Хусайнов, З.К. Электропроводность водных растворов гидразина при различных температурах и атмосферных давлениях / З.К. Хусайнов, М. М Сафаров, Қ.Мухамадали// Вестник Технологического университета Таджикистана (научный журнал) - Душанбе, 2021. - №2 (45), – С. 124-130. ISSN 2707-8000.

3. Хусайнов, З.К. Вобастагии электрогузаронӣ ва гармигузаронии маҳлулҳои обии гидразин дар ҳароратҳои гуногун / З.К. Хусайнов, Х.Х. Ойматова, М. М Сафаров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава, (научный журнал). (Серия естественных наук). - Бохтар, 2021.- №2/4.- С.49-54. ISSN 2663-6417.

4. Хусайнов, З.К. Вобастагии коэффитсиенти гармигузаронии маҳлули обии гидразин аз нуфузпазирии диэлектрикии онҳо дар ҳарорати хона ва фишори атмосферӣ /З.К.Хусайнов, М. М Сафаров, Ҷ.Ф. Собиров // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ).- Душанбе, 2022. - №1 (48).– С. 146-151. ISSN 2707-8000.

5. Хусайнов, З.К. Вобастагии гармигузаронии маҳлули обии гидразин аз нуфузпазирии диэлектрикии онҳо дар ҳароратҳои гуногун ва фишори атмосферӣ/З.К.Хусайнов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава, (научный журнал). Серия естественных наук. – Бохтар, 2022. - № 2/2 (99) – С. 38-43. ISSN 2663-6417.

6. Хусайнов, З.К. Взаимосвязь между динамической вязкостью и коэффициентом преломления света растворов в зависимости от температуры при атмосферном давлении / Р.Дж. Давлатов, А.Неъматов, З.К. Хусайнов Д. Ш.Хакимов// Политехнический вестник. Серия Интелект. Инновации. Инвестиции.– Душанбе, 2017. - №4(40) -С.17-27. ISSN 2520-2227.

7. Хусайнов, З.К. Изменеие диэлектрической проницаемости водного раствора гидразина в зависимости от концентрации и температуры / З.К. Хусайнов, М.М. Сафаров, М.Т. Тургунбоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Силсилаи илмҳои табиӣ). – Бохтар, 2023. - № 2/3 (114). – С. 49 -53. ISSN 2663-6417.

8. Хусайнов, З.К. Ҳосил намудани муодилаҳои эмпирикӣ оид ба алоқамандии коэффитсиенти гармигузаронӣ бо нуфузпазирии диэлектрикии маҳлули таҳқиқотӣ / З.К. Хусайнов, М. Л. Шарипов, Н.З.

Шерафган // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Силсилаи илмҳои табиӣ). – Бохтар, 2025. - № 2/2 (135)– С. 84 -86. ISSN 2663-6417.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-125 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич ворид шудаанд:

1. Солеҳзода Давлат Қуват – д.и.ф.м., профессори кафедраи физикаи назариявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шуда, се эрод пешниҳод кардааст:

2. Имом М.Ш. – н.и.ф.м., мудири маркази омӯзиш ва тадбиқи манбаҳои барқароршавандаи энергияи ИФТ ба номи С.У. Умарови АМИТ. Тақриз мусбат аст.

3. Акрамова Рухшона Ятимовна – дотсенти кафедраи табиӣ-риёзии Академияи сайёҳии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи техникӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

- **пешниҳод шудааст,** такмил додани дастгоҳҳои таҷрибавӣ барои ченкунии нуфузпазирии диэлектрикӣ, электрогузаронӣ ва гармигузаронии маҳлули обии гидразин дар ҳароратҳои аз 293 то 323К;

- **омӯзиши** таҷрибавӣ ва назариявии нуфузпазирии диэлектрикӣ, электрогузаронӣ ва гармигузаронии маҳлули обии гидразин дар ҳудуди ҳароратҳои (293-323)К ва фишори атмосферӣ;

- **коркаркарда шуд,** маълумоти бадастомада оид ба нуфузпазирии диэлектрикӣ, электрогузаронӣ ва гармигузаронии маҳлули обии гидразин, ҳосил намудани муодилаҳои эмпирикии вобастагии ин параметрҳо аз ҳарорат, консентратсияи ҳалкунанда ва алоқамадии байниҳамдигарии онҳо.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии таҳқиқот:**

- **аз нав такмил додаи** дастгоҳҳои таҷрибавии барои ченкунии электрогузаронӣ ва нуфузпазирии диэлектрикӣ, метавонанд барои омӯзиши хосиятҳои электрофизикии мавод ва маҳлулҳо дар шароити озмоишгоҳҳо ҳамчун усулҳои монандӣ истифода истифодашаванда шуд;

- ҷадвалҳои тартибдодашуда оид ба электрогузаронӣ ва нуфузпазирии диэлектрикии маҳлулҳои обии гидразин дар ҳароратҳои аз 293 то 323К метавонанд ҳангоми муносибгардонӣ ва такмили равандҳои гуногуни технологӣ дар ташкилотҳои лоиҳакашӣ истифода шаванд;

- **муайян шуд**, ки маълумоти ба даст омада оид ба электрогузаронӣ ва нуфузпазирии диэлектрикӣ барои ҳисобкуниҳои реакторҳои моделӣ истифода мешаванд;

- **ҷори гардидани**, усули пешниҳодшудаи таҳлили муодилаҳои эмпирикӣ, ки барои як қатор маҳлулҳои обӣ ҳосил карда шудаанд, метавонанд нисбати дигар маҳлулҳои наздик истифода шаванд;

- бонки маълумотҳо оид ба электрогузаронӣ ва нуфузпазирии диэлектрикии маҳлулҳои обӣ бо маводҳои нав пурра карда шуд, ки метавонанд дар амалия татбиқ карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои** диссертатсия бо истифодабарии таҷҳизотҳои ченкунандаи санҷидашуда, ки қобилияти хуби такроршавандагии натиҷаҳои ченкунӣ, мувофиқатии маълумоти

таҷрибавӣ бо адабиёт ва натиҷаҳои ҳисобкунӣ, мувофиқатии маълумоти бадастомада бо натиҷаҳои омӯзиши мустақилона бо истифода аз усулҳои дигари таҳқиқот ба даст овардашуда, татбиқи дурусти назарияи ченкунӣ ва хатогиҳо таъмин карда мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз таҳияи вазифаҳои асосӣ, интихоби усулҳо ва самтҳои таҳқиқот, инчунин тартиб додани алгоритмҳои ҳалли масъалаҳо, истифодаи қонуниятҳои асосӣ ҳангоми ба даст овардан ва омӯхтани хосиятҳои маҳлулҳо, гузаронидани таҷрибаҳо, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин тайёр кардани маводҳо, хулосаҳои асосии натиҷаи таҳқиқот иборат мебошад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 04- уми сентябри соли 2026 оид ба сазовор донистани Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд (як нафар ба таври онлайнӣ), аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 11 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Собиров Ҷ.Ф.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Сафарзода Ш.Р.**

“_04_”___09___ 2026
Ҷ.М.